ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа

Диссертант мавзуи "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш"-ро ҳамчун объекти омӯзиши диссертатсияи худ қарор дода, андешаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Донишро муқоиса намудааст. Боби якуми диссертатсия "Нақши Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар пайдоиш ва ташаккули равияи маорифпарварӣ" номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст. Зербоби якум ба масъалаҳои "Пайдоиши маорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Марказӣ: умумият ва фаркият" бахшида шудааст. Ҳар зербоби онро таҳлил намуда, дар зербоби дуюми боби якум "Мухтасари шарҳи ҳол ва таснифи осори Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш" диссертант роҷеъ ба он менависад, ки зиндагии Жан Жак Руссо аз овони кӯдакӣ то охири умраш сар то по моҷарост. Ҳамин моҷароҳо ӯро ҳамчун олими нозукбин, маорифпарвари баландпарвоз сохтаанд. Андешаҳои ин маорифпарвар оҳиста-оҳиста дар самти сиёсату фарҳанг, таълиму тарбия таъсир расонида, марзҳои Фаронса ва Аврупоро убур карданд. Хусусан, таъсири китоби «Қарордоди иҷтимоӣ» дар инқилоби Фаронса шоистаи зикр аст. Ин китоб яке аз бузургтарин осори фикрии башар аст. Дар он масоили марбут ба таъсиси ҳукумат, ҷомеа, тарзи идораи кишвар, риояи баробарии иҷтимоӣ ва ғайра мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки албатта, ягон мактабу таълимот бе заминаҳои муайяни таърихӣ ба вуҷуд наомадааст. Мактабҳои фалсафии давраи маорифпарварӣ аслан идомаи мантиқии ҳаракатҳои дар давраи Эҳё бавуҷудомада мебошанд. Маорифпарварӣ дар кишварҳои Аврупо ҳамчун равияи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ дар асрҳои XVII-XVIII зуҳур карда, барои ба вуқуъ омадани "инқилобҳои буржуазӣ ва маҳдуд кардани муносибатҳои феодалӣ, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ набуданд" инчунин, рушди муносибатҳои сармоядорӣ шароит фароҳам овард.

Диссертант дар зербоби сеюми боби дуюм оид ба "Сарчашмаҳои идеявии ташаккулёбии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш", қайд мекунад, ки ақидаҳои маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар ҷои холӣ ташаккул наёфтаанд. Масалан, дар ташаккули ҷаҳонбинии Ж.Ж. Руссо, аз ҷумла, ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии мутафаккирони барҷаста, ба мисли Гуго

Гротсий, Томас Гоббс, Ҷон Локк ва Ш.Л. Монтескё, сафарҳои зиёди ӯ ба кишварҳои Аврупо ва фаъолият кардан дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ нақши босазо гузоштанд.

Диссертант дар боби дуюми диссертатсия ба баррасии "Тамоюлгирии андешаҳои гуманистии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш: таҳлили муқоисавӣ" таваққуф намуда, боби мазкур се зербобро дар бар мегирад. Дар зербоби якум "Баррасии масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш" таҳлили системаи фалсафии Жан Жак Руссо баррасӣ шуда, қайд мегардад, ки он мураккаб ва гуногунҷанба буда, фарогири масъалаҳои марбут ба офариниш, ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, хусусан пайдоиши ҷомеа, шаклҳои идоракунии давлат, интиқоди арзишҳои тамаддунӣ, низоми таълиму тарбия, шинохти инсон ва тавассути он ҳимоя кардани ҳуқуқу озодиҳои худ мебошад. Консепсияи алтернативии ӯ оид ба фаҳмиши моҳияти инсон ва диалектикаи ҳаёти иҷтимоӣ нақши муассир дар рушди афкори фалсафии марҳилаҳои баъдинаи рушди афкори гуманистӣ бозид. Дар зербоби дуюм "Моҳияти фалсафии консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва хусусиятҳои фарқкунандаи он аз назарияи тарбияи Аҳмади Дониш" баррасӣ карда мешаванд. Даст кашидан аз ҳолати табиии худ одамонро ба шавқмандии носолим, ба монандӣ, харисӣ, шӯҳратпарастӣ, молпарастӣ гирифтор мекунад. Ҳар қадар тамаддуни инсонӣ рушд мекунад, ҳамон қадар дур шудан аз ҳолати табиӣ зиёд мешавад. Бо вуҷуди ин, Ж.Ж. Руссо таъкид мекунад, ки одамон монанд ба ҳолати табиӣ метавонанд низомеро ба вуҷуд оваранд, ки баробарҳуқуқиро таъмин кунад, даст кашиданро аз дабдабаю шукӯҳ ба танзим дарорад ва дар табиат маскан гирифтани одамонро созгор намояд.

Дар зербоби сеюм «Таъсири ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори фалсафии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдина» қайд карда мешавад, ки осор, ақида ва таълимоти онҳо то ҳанӯз дар байни файласуфон, педагогон ва ҷомеашиносон мавриди таваҷҷуҳ қарор доранд, масалан, рисолаи «Қарордоди иҷтимоӣ»-и Ж.Ж. Руссоро Т. Карлейл Инҷили панҷум ё Инҷили сонии Жан Жак номидааст.

Муҳаққиқ дар рисолаи диссертатсионии худ аз адабиёти олимони ватанӣ ва хориҷӣ васеъ истифода намуда андешаҳои онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Мазмун ва мундариҷаи автореферат нишон медиҳад, ки дар рисола баъзе камбудиҳои ҷузъӣ, аз ҷумла имлоӣ ва техникӣ дида мешавад. Вале чунин норасоиҳо арзиши илмии рисоларо кам намекунанд ва рисолаи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии

ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш” кори илмӣ-тадқиқотии ба анҷомрасида буда, яке аз мавзӯҳои муҳими фалсафаи муосирро фаро мегирад. Рисола ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 оид ба додани дараҷаи илмии доктори илми фалсафа PhD, тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи доктори фалсафа PhD, аз рӯйи 6D020100 - фалсафа мебошад.

Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи фалсафа ва илмҳои
гуманитарии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳайдари С.С.

Имзои Ҳайдари С.С. тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои маҳсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода О.О.